ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҚАРОРИ
РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

аз «30» июли соли 2020, № 397

Дар бораи додани иҷозат ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тропикан Инвест» барои лоиҳакашии бинои бисёрфункционалии 14 (чордаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои хизматрасонӣ ва дафтарҳои корӣ дар 4 (чор) ошёнаҳои аввал, манзилҳои истиқоматӣ дар ошёнаҳои болоӣ ва таваккуфгоҳи наклиёти автомобилии дусатҳа дар таҳхонаи он, дар заминаи бинои 3-ошёнаи хусусӣ, воҳеъ дар гузаргоҳи 1-уми кӯчаи М.Турсунзода №3/1, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе

Бо мақсади татбиқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе мактуби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тропикан Инвест»-ро аз 15 июни соли 2020, №44-1097[а] барои лоиҳакашии бинои бисёрфункционалии 14 (чордаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои хизматрасонӣ ва дафтарҳои корӣ дар 4 (чор) ошёнаҳои аввал, манзилҳои истиқоматӣ дар ошёнаҳои болоӣ ва таваккуфгоҳи наклиёти автомобилии дусатҳа дар таҳхонаи он, дар заминаи бинои 3-ошёнаи хусусӣ, воҳеъ дар гузаргоҳи 1-уми кӯчаи М.Турсунзода №3/1 баррасӣ намуда, бо инобати Шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият ДШ№0860441 аз 7 сентябри соли 2017, ки дар Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти феҳрасти №5ҲМ-3 сабт гардидааст ва Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи А№009676, ки дар китоби бақайдгирии Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе таҳти №459 ба қайд гирифта шудааст, мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 82[б] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пардохтҳои иловагии ҳатмӣ ба буҷет», моддаи 17 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 18 майи соли 2020, №300 «Дар бораи Тартиб ва меъёрҳои пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе»

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тропикан Инвест» барои лоиҳакашии бинои бисёрфункционалии 14 (чордаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои хизматрасонӣ ва дафтарҳои корӣ дар 4 (чор) ошёнаҳои аввал, манзилҳои истиқоматӣ дар ошёнаҳои болоӣ ва таваккуфгоҳи наклиёти автомобилии дусатҳа дар таҳхонаи он, дар заминаи бинои 3-ошёнаи хусусӣ, воҳеъ дар гузаргоҳи 1-уми кӯчаи М.Турсунзода №3/1, дар қитъаи замини вобасташудаи масоҳати умумиаш 0,25 (сифр аз сад бисту панҷ) гектар бо дақиқ намудани масоҳати зери сохтмон тибқи лоиҳа, иҷозат дода шавад.

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тропикан Инвест» ба корҳои лоиҳакашӣ тибқи талаботи Супориши меъморӣ-банақшагирӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ шурӯъ намуда, пас аз мувофиқасозӣ ва дастрас намудани хулосаи экспертизаи давлатӣ, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ҳуҷҷатҳоро бо маълумотномаи аз ҷониби Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ додашуда оид ба масоҳати умумии бино (тибқи Тартиб ва меъёрҳои тасдиқшудаи пардохт) ба Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозӣ пешниҳод намояд.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Зувайдзода М. М. гузошта шавад.

Рустами Эмомалӣ

РАЁСАТИ КОРГУЗОРИ МУРОҶИАТ ВА КОРҲОИ ШАҲРВАНДОН